# СУРАТМАҶЛИСИ №56
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019

05 октябри соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд 62 (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Ализода З., аъзоёни комиссияи ташхис доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Мирзамонзода Х.М., ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Куканов А.З. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Элназаров Давлатшо Хоҷаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон»;

– **Бобоев Анварбек Хоҷаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 21 декабри соли 2024 соати 10:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзоев Қ.Х.**